18 06 2019



**Доналд Туск, президенти Шӯрои Аврупо, ки 29 - 30 май дар раъси як хайати баландпоя бо сафари расмӣ дар Чумхурии Точикистон карор дошт, баъд аз анчоми мулокоту музокироти сатхи олӣ натичахои сафараш ба кишвари моро мусбат арзёбӣ кард.**

Ин мехмони олимаком баъд аз мулокот бо Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат,  Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар хузури доираи васеи хабарнигорон бо каноатмандии зиёд аз раванди тавсеаи равобити судманди Точикистону Иттиходи Аврупо ситоиш кард. Ӯ гуфт: «Сафари ман ба кишвари шумо дар холе иттифок афтод, ки чанде кабл Стратегияи нави Иттиходи Аврупо оид ба кишвархои Осиёи Марказӣ кабул гардид. Бо ин сафар, боздиди нахустини президенти Шӯрои Аврупо ба Точикистон анчом шуд. Яъне, ман аввалин шахсе хастам, ки дар ин маком ба кишвари шумо омадам. Ин баёнгари он аст, ки мо  сидкан чонибдори тахкиму густариши хамкорихо бо Точикистон ва кишвархои минтакаи Осиёи Марказӣ хастем. Дар Иттиходи Аврупо ба накш ва мавкеи стратегии Точикистон дар халли масоили минтакавӣ эхтиром мегузоранд».

Президенти Шӯрои Аврупо изхор дошт, ки Точикистон дар хифзи амнияту суботи минтака накши калидӣ дорад. Ӯ зимни боздиди худ аз марзи Точикистону Афгонистон, ба корхои анчомшудаи марзбонӣ ва шароити хизматӣ дар дидбонгоххои сархадӣ бахои баланд дод. «Ман аз он ба вачд омадам, ки шумо барои химоят аз марз чи корхои судмандеро анчом додаед. Дар ин замина, бояд ба накши Точикистон дар маъмурияти марзхои Осиёи Марказӣ низ эхтироми зиёд коил шуд. Иттиходи Аврупо дар тахкими сархадот, мубориза бо терроризм, кочоки маводи мухаддир ва экстремизми хушунатбор бо хамаи кишвархои Осиёи Марказӣ, бахусус Точикистон, хамкорӣ намуда, дар ин самт ба дастгирихои молиявӣ авлавият хохад дод».

- Ман имрӯз аз пиряххои Помир низ дидан кардам ва шохиди он будам, ки тағйири иклим ба пиряххо чи таъсире гузоштааст. Обшавии пиряххо бар асари тағйири иклими сайёра, на танхо мояи нигаронии кишвари шумо, балки минтака ва саросари олам аст. Иттиходи Аврупо барои пешгирии тағйироти иклим барномахои зиёдеро рӯи даст дорад. Умедворам, ки Точикистон дар ин масъала коршарики асосии мо хохад буд. Зеро Точикистон дар халли масоили глобалии чахон яке аз кишвархои пешсаф аст. Чомеаи чахон борхо шохиди ташаббусхои неку башардӯстонаи Президенти Точикистон буданд, бахусус дар самти мудирияти истифодаи окилонаи захирахои обӣ.
Боздид аз Сарез маро ба вачд овард. Дар миёни кӯхсор ганчинае нухуфтааст, ки начотбахши ахли башар буда метавонад. Холо дар чахон нарасидани оби тоза мушкили асосӣ ба шумор меравад ва сахми Точикистон дар халли ин масъалаи дог бузург аст. То хол чор пешниходи Точикистон дар масъалаи оби тоза аз чониби чомеаи чахонӣ пазируфта шуда, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон хамчун сиёсатмадори башардӯст ва ташаббускори сатхи байналмилалӣ эътироф гардидаанд. Зеро Точикистон бо чунин сарватхои бузурги табиӣ тахти сарварии Чаноби Олӣ худро дар халли мушкилоти норасоии оби тоза канор нагирифта, баръакс дар ин самт пешоханг аст. Вокеан, мардуми точикро шахсияте рохбарӣ мекунад, ки мардуми бисёре аз кишвархои сайёра доштани чунин Сарварро орзу мекунанд, - изхор дошт Доналд Туск.

**Фирӯзи РАХМОНИЁН,**
**«Чумхурият»**